# ТАҚРИЗИ

мукаррризи расмӣ ба диссертатсия ва автореферати Орифов Орзу Обидхуҷаевич тахти унвони «Хусусиятҳои педагогии рафъи мушкилоти омӯзиши забони англисӣ дар ташаккули салоҳиятмандии нуткии донишҷӯёни мактабҳои олӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагога аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 - Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ)

Диссертатсияи Орифов Орзу Обидхуҷаевич тахти унвони «Хусусиятҳои педагогии рафъи мушкилоти омӯзиши забони англисӣ дар ташаккули салоҳиятмандии нутқии донишҷӯёни мактабҳои олӣ» ба яке аз масъалаҳои мухими педагогии рафъи мушкилоти омӯзиши забони англисӣ барои донишҷуёни равияҳои гуманитарӣ мебошад.

Раванди ҷаҳонишавии бошитоби замони муосир, рушди маорифу фарҳанг, иқтисодиёту саноат ва дигар соҳаҳо дар ҷомеаи Тоҷикистони соҳибистиқлол тарбия намудани кадрҳои педагогии аз ҷиҳати идеявӣ боваринок, ба дараҷаи замонавӣ маълумотноку забондон, пайвастани донишҳои амиқи назариявӣ бо қобилияти қабули қарорҳои амалӣ, эҷодкорона истифода бурдани онҳо дар фаъолияти педагогиро тақозо менамояд ва омодасозии мутахассисони соҳибкасб бевосита бар дӯши муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ вогузор карда шудааст. Бахусус, вусъати ҳамкориҳои касбӣ ҷиҳати омӯзиши забонҳои хориҷӣ, аз ҷумла забони англисӣ ба тавсеаи равобити хориҷии мамлакат, рақобатпазирӣ дар бозори ҷаҳонии меҳнат ва дар маҷмуъ ба баланд гардидани мавқеъ ва нуфузи кишвар дар арсаи байналмилалӣ мусоидати созгор дорад.

Мусаллам аст, ки раванди омӯзиш, такмили малака ва маҳорати забономӯзии муҳассилин ва рушди касбияти донишҷӯёни равияҳои гуманитарӣ аз омӯзиши заминаҳои педагогӣ, мутобиқати накша ва барномаҳои таълимӣ ва муҳимтар аз ҳама бо ошкор намудани мушкилоти таълимӣ дар ҷараёни забономӯзӣ вобастагии амиқ дошта, дар ин росто

коркарди технология ва методикаи муассири рафъи мушкилот муҳим арзёбӣ мегардад.

Таҳлили ин мавқеъҳои илмӣ нишон медиҳанд, ки дониши назариявӣ дар бораи душвориҳои таълимӣ, ки донишҷӯёни равияҳои гуманитарӣ ҳангоми омӯзиши ЗХ дучор меоянд, барои бартараф кардани онҳо кифоя нест. Зеро омӯзгор наметавонад ин донишро барои бартараф кардани мушкилиҳо пурра истифода барад. Дар ҳар як ҳолати мушаххаси бартараф кардани мушкилоти таълимӣ, вай бояд хусусиятҳои объект (донишҷӯ)-ро бо шароити таълими онҳо дар равияи гуманитарӣ таҳлил ва муқоиса кунад. Масалан, пешакӣ донистани хосияти матн, сохторҳои грамматикии он, мавҷудияти калимаҳои ношинос - амсоли инҳоро муаллим бояд пешакӣ дарк кунад, то ҳама мушкилоти дар байни донишҷӯён ҳангоми таҳсил дар муассисаи таълимӣ пешомадаро муайян карда тавонад.

Бо дарназардошти мубрамияти мавзуъи таҳқиқшаванда дар диссертатсия омӯхтани мушкилот ҳамчун падидаи педагогӣ муҳим шуморида шуда, дар ҳама сатҳҳои зуҳури мушкилот дар мактаби олӣ баррасӣ гардидааст. Воқеан ҳам дар истилоҳоти назариявӣ таъкид карда мешавад, ки мушкилии таълимӣ падидаи педагогӣ аст, зеро ба мисли ҳама падидаҳои дигари педагогӣ, он бо пайвастагии чаҳор унсур: омӯзгор, донишҷӯ, восита ва муҳити таълимии гуманитарӣ тавсиф мешавад.

Дар робита ба ин, дар рисола таърифи категорияи «мушкилоти таълимӣ дар омӯзиши ЗА» дода мешавад, ки ҳамчун падидаи густурдаи педагогии объективӣ-субъективӣ, аз ҷумла, монеаҳои шахсӣ ва тарбиявӣ, ки бо мураккабии фонетика, сарфу наҳв, нутқ ва навиштани забони англисӣ алоқамаданд, фаҳмида мешавад. Ин ҷо муҳим он аст, ки онҳо чӣ гуна ба ҳамдигар таъсир мерасонанд ва ҳангоми “бархӯрд”-и онҳо чӣ гуна мушаххасоти нав ва мукаммал пайдо мешавад, ки дар ҳар як унсур дар алоҳидагӣ мавҷуд нест.

Паҳлуҳои назариявӣ ва амалияи мавзуи таҳқиқот дар асарҳои

бунёдӣ ва илмӣ-таҳқиқотӣ аз ҷониби муҳаққиқони шинохтаи ватанӣ ва хориҷӣ мавриди таҳқиқ қарор ёфтааст. Ҳамзамон, раванди рушди фаъолияти касбии муаллим дар бисёр асарҳои пажӯҳишгарони касбӣ хусусият ва шаклҳои раванди таълимро инъикос намудаанд.

Дар баробари истифода аз назарияи олимону муҳаққикони зикршуда дар диссертатсия монографияҳо, мақолаҳои илмӣ ва диссертатсияҳои олимону муҳаққиқони инчунин, маводи шабакаи Интернет ва бойгонии муассисаҳои илмию таълимии кишвар истифода бурда шудаанд.

**Навгониҳои илмии таҳқиқот** аз он иборат мебошанд, ки дар диссертатсия бори нахуст дар илми педагогика ва таърихи маорифи Тоҷикистон хусусиятҳои педагогии рафъи мушкилот дар омӯзиши забони англисӣ ҷиҳати ташаккули салоҳиятмандии нутқии донишҷӯёни донишгоҳҳои омӯзгорӣ омӯхта шуда, мазмуни раванди бартараф кардани мушкилоти таълимӣ дар байни донишҷӯёни равияҳои гуманитарӣ, таснифоти мушаххаси душвориҳои омӯзиши мураккабии гуногун дар асоси заминаҳои илмӣ ошкор карда шуда, қавоиди консептуалии равияи шахсиятӣ-фаъолмандӣ оид ба ташаккули салоҳиятмандии нутқии донишҷӯён ҷиҳати рафъи мушкилот зимни омӯзиши забони англисӣ дар донишгоҳҳои омӯзгорӣ коркард карда шуданд.

Ҳамзамон, омӯзиши моҳият ва сохтори салоҳиятмандии нутқии донишҷӯён ҷиҳати рафъи мушкилот зимни омӯзиши забони англисӣ , заминаҳои ташаккули салоҳиятмандии нутқии донишҷӯён ҷиҳати рафъи мушкилот зимни омӯзиши забони англисӣ дар шароитҳои бисёрзабонии донишгоҳҳои омӯзгорӣ, модели ташаккули салоҳиятмандии нутқии донишҷӯён, низоми санҷиши самаранокии равияи шахсиятӣ-фаъолмандӣ ва технологияҳои инноватсионии педагогӣ дар озмоиши таълимӣ бо диди хосу навгониии илмӣ матраҳ гардидаанд.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот** дар он аст, ки дар асосу заминаи равишҳои илмии олимону муҳаққиқон ва амалкунандагон, ҳамчунин, натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ, муайян кардани моҳияти раванди

мушаххаси педагогии бартараф кардани мушкилоти таълимӣ дар донишҷӯён, мазмун ва сохтори он, роҳҳо ва шароити педагогии самаранокии ин раванд ошкор карда мешаванд.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот** дар таҳияи муқаррароти татбиқшудаи раванди мушаххаси педагогии рафъи мушкилоти таълимӣ: навсозии омодагии назариявӣ ва методии омӯзгорони забони англисӣ барои рафъи мушкилоти мушаххаси омӯзиш дар байни донишҷӯён, ташаккули ҳавасмандии донишҷӯён барои рафъи мушкилоти забони англисӣ, озмоиши ба барномаи лексикӣ нигаронидашуда барои рафъи мушкилоти омӯзиш дар се марҳила арзёбӣ гардидааст.

Диссертатсия аз муқаддима, ду боб, шаш зербоб, хулосаи боби якум ва дуюм, хулосаи умумӣ ва рӯйхати адабиёти истифодашуда ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия иборат мебошад. Муҳтавои диссертатсияи О.О.Орифов аз 186 саҳифаи чопи компютерӣ иборат мебошад.

Боби якуми диссертатсия – **"Асосҳои илмӣ-назариявии пешгирӣ ва рафъи мушкилот дар раванди таълими** забони англисӣ **ҷиҳати ташаккули салоҳиятмандии нутқии донишҷӯён"** фарогири масъалаҳои вобаста ба асосҳои илмӣ ва амалии бартараф намудани мушкилоти забони англисӣ дар донишҷӯёни равияҳои мухталифи мактабҳои олӣ буда, ба масъалаҳои омодасозии забонии донишҷӯён дар назария ва амалияи педагогӣ бахшида шудааст.

Дар ин боб инчунин масъалаи асоснок кардани омодасозии омӯзгорони забони англисӣ зимни рафъи мушкилоти махсус дар донишҷӯён аз ҷиҳати назариявӣ ва методӣ, баррасии ҳадафҳо, вазифаҳо, мундариҷа ва ташкили раванди мушаххаси пешгирии мушкилоти таълимии донишҷӯёни равияҳои гуманитарӣ дар омӯзиши забони англисӣ дар зербандҳои алоҳида тавсиф ва баррасӣ гаштанд.

Диссертант қайд менамояд, ки дар методологияи муосири таълим бо забони хориҷӣ проблемаи технологияҳои инноватсионӣ яке аз масъалаҳои муҳим ба ҳисоб меравад. Имрӯз дар аксари муассисаҳои

таҳсилоти олӣ технологияи таълимӣ ҳамчун фан таълим дода мешавад. Аз ин рӯ, технологияи интерактивиро ҳамчун яке аз технологияҳои инноватсионӣ дар забони англисӣ  истифода бурда, интерактивият ба таъмини иттилоот, паймоиш дар байни мундариҷа, ҷустуҷӯйи калимаҳои калидӣ, иваз кардани шаклҳо ва ғайра нигаронида шудааст. Барномасозии таҷрибаи корбар ва пешрафти таълимӣ технологияҳои интерактивӣ буда, кори эҷодӣ ва шавқовари муаллимон, технологияи интерактивӣ самараи таълими донишомӯзонро зиёд мекунад.

Боби дуюми дисертатсия - «**Технологияҳои инноватсионии педагогӣ дар ташаккули салоҳиятмандии нутқии донишҷӯён дар таълими** забони англисӣ ” масъалаҳои вобаста самаранокии рафъи мушкилот зимни омӯзиши забони англисӣ  дар донишҷӯёнро фаро мегирад. Дар зербобҳои боби мазкур ҷанбаҳо ва хусусиятҳои вориднамоии ТИК-ро зимни омӯзиши забони англисӣ, раванд ва натиҷаҳои корҳои таҷрибавию озмоишӣ, ки дар доираи ин таҳқиқоти диссертатсионӣ солҳои 2019-2022 дар равияҳои гуманитарии донишгоҳҳои таҷрибавӣ таҳқиқоти махсус ташкилшудаи озмоишӣ-таҷрибавӣ гузаронида шуда аст, инчунин моҳияти асосии  таҷрибаи педагогӣ оид ба ҷорӣ кардан ва санҷидани самаранокии барномаи ба лексика нигаронидашуда оид ба рафъи мушкилоти таълимӣ баррасӣ гардидааст.

Дар диссертатсия муқаррароти илмӣ ва амалии раванди мушаххаси педагогии рафъи душвориҳои таълимӣ дар азхудкунии забони англисӣ аз ҷониби донишҷӯёни равияҳои гуманитарӣ асоснок ва дар рафти корҳои озмоишию таҷрибавӣ муайян карда шуда, роҳу шартҳои асосии афзоиши самаранокии ин раванд тасдиқ карда шудааст.

Орифов О.О. таҳлили таҳқиқоту таълифоти олимону муҳаққиқон, методистон, амалгароёни ватанӣ ва таҳқиқоту озмоишҳои корбастнамударо дар бартараф намудани маҷмӯи душвориҳои таълимӣ дар мактабҳои олӣ, аз ҷумла, донишҷӯёни равияҳои гуманитарӣ, ки ба душвориҳое, ки барои муваффақона омӯхтани забони хориҷӣ монеа эҷод менамоянд, ба асос гирифта, қайд менамояд, ки ин таҳқиқотҳо ҷиҳати рафъи

душвориҳои таълимӣ дар омӯзиши забони англисӣ дар байни донишҷӯёни равияҳои гуманитарӣ, таҷрибаи рафъи душвориҳои таълимӣ дар омӯзиши забони англисӣ , барои таҳияи муқаррароти назариявӣ дар фаъолияти таълимии ислоҳӣ, тақвият бахшидани натиҷаҳои илмии ошкоршуда дар фаъолияти омӯзгори забони англисӣ, возеҳ сохтани моҳият ва мундариҷаи корҳои тарбиявии ислоҳӣ ҳамчун асоси омӯзгорӣ дар ҷараёни рафъи душвориҳои тарбиявӣ, аз ҷумла сабабҳо, шароит ва омилҳои душвориҳои раванди таълим, фаъолияти донишҷӯёни равияҳои гуманитарӣ, шаклу ихтилофҳо, ҳамчунин, роҳҳои рафъи ин душвориҳо дар фаъолияти таълимии донишҷӯён кӯмаки беандоза намуданд.

Ба андешаи диссертант Орифов О.О. яке аз роҳҳои асосии ташаккули ҳавасмандии донишҷӯён барои рафъи мушкилоти забони англисӣ ин азхуд кардани малака ва маҳорати муоширати забони хориҷӣ аз ҷониби донишҷӯён, азхудкунии босифати гуманитарӣ -касбии забони англисӣ, мавҷудияти ҳисси мусбии шахсии фаъолият дар байни донишҷӯён ҳангоми машғулиятҳои таълимӣ бо забони англисӣ , зуҳуроти хусусиятҳои инфиродии психологии донишҷӯён ва баррасии онҳо ҳангоми машғулиятҳои омӯзишӣ, кори мустақилона барои рафъи мушкилоти таълимӣ дар азхудкунии забони англисӣ , таъмини робитаи зичи маводи дарсии забони хориҷӣ бо хидмати касбии дарпешистода, донистани механизми ташаккули ҳавасмандии донишҷӯён ба омӯзиш маҳсуб ёфта, дастгирии методии технологияҳои иттилоотӣ ва иртиботӣ дар омӯзиши забони англисӣ як роҳи муҳими педагогии рафъи мушкилоти таълим мебошад.

Диссертатсияи Орифов О.О дар мавзуи “Хусусиятҳои педагогии рафъи мушкилоти омӯзиши забони англисӣ дар ташаккули салоҳиятмандии нутқии донишҷӯёни мактабҳои олӣ» тибқи талаботу меъёрҳои мавҷудаи илмӣ таҳия гардида, тарзи овардани иқтибосҳо, мураттабсозии бобҳо ва зербобҳо, хулоса ва рӯйхати адабиёт тибқи талаботи стандартҳои муосири таҳияи корҳои илмию таҳқиқотӣ ба роҳ монда шудааст.

Ҳамаи таълифот ва мақолаҳои нашрнамудаи О.О.Орифов муҳтавои диссартатсияро инъикос намуда, таҳқиқоти мазкур метавонад дар амалияи омӯзиши фанҳои таълимии «Забони англисӣ”, «Методикаи таълими забони англисӣ дар равияҳои гуманитарии мактабҳои олӣ» истифода бурда шавад.

Дар баробари дастовардҳои муҳим рисола ва фишурда аз камбудиву норасоиҳо низ холӣ нест:

1. Зербоби 1.2. “Моҳият, мазмуну муҳтаво ва сохтори раванди махсуси рафъи мушкилот”-ро, ки таҳқиқи васеъро талаб мекунад, дар таҳқиқи як зербоб ҳалли худро ёфта наметавонад, зеро масъалаи мазкур таҳлили доманадоро талаб мекунад.

2. Хуб мешуд, ки агар дар самти омӯзиши моҳият ва сохтори салоҳиятмандии нутқии донишҷӯён ҷиҳати рафъи мушкилот зимни омӯзиши забони англисӣ дар муҳити бисёрзабонӣ оид ба қисматҳои забонӣ, коммуникативӣ, мавзуӣ, тамоюли шахсиятӣ, таълимӣ, ки иҷрои мундариҷавии онҳо мавриди баррасӣ қарор дода шудааст, амсилаи намунавии ҳар қисмат дар алоҳидагӣ пешниҳод мегардид.

3. Дар диссертатсия (саҳ. 12,48,49,149) ва автореферат (саҳ.11, 12) ба баъзе хатогиҳои имлоӣ ва техникӣ роҳ дода шудааст.

4. Дар матни диссертатсия ва автореферат баъзан кутоҳ намудани ибораҳо “аббревиатураҳо” ба монанди ЗА, ЗТ ва ЗХ ба назар мерасан, ки истифодаи онҳо дар сарлавҳаҳои зербоб тавсия дода намешавад.

Камбудиҳои ошкоргардида арзиши илмии диссертатсия ва автореферати мазкурро коҳиш намедиҳанд, автореферати диссертатсия бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ мазмуну мундариҷаи корро пурра инъикос мекунад ва мақолаҳои таълифнамудаи муаллиф низ ба талабот ҷавобгӯ мебошад.

Дар ҳамин асос диссертатсияи Орифов Орзу Обидхуҷаевич дар мавзуи “Хусусиятҳои педагогии рафъи мушкилоти омӯзиши забони англисӣ дар ташаккули салоҳиятмандии нутқии донишҷӯёни мактабҳои

олӣ” таҳқиқоти илмии баанҷомрасида буда, ба талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 ба тасвиб расидааст, ҷавобгӯ аст ва муаллифи он сазовори номзади илми педагогика аз рӯи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 - Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ(таҳсилоти касбӣ) мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
доктори илмҳои педагогӣ,
профессори кафедраи методикаи
таълими забон ва адабиёти руси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Ҳоҷиматова Гулчеҳра Масаидовна

«23» майи соли 2024

Имзои Хоҷиматова Г.М.-ро
тасдиқ мекунам
Сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДМТ Тавқиев Эмомалӣ Шодихонович

**Суроға:** 734025. Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ,17;
Тел.: +992 93 100 20 58;
E-mail: hojgul@mail.ru